Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА- 018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дар мавзӯи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар дар танзими муносибатҳои хусусӣ–ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Муносибатҳои хусусӣ дар шароити ҳозира хеле фаромарзӣ шудаанд. Муаллиф ба масъалаи мазкур диққати ҷиддӣ дода, дуруст қайд менамояд, ки "Дар шароити муосир, ки рушди босуръати тиҷорати байналмилалӣ, сармоягузории хориҷӣ, интиқоли технологияҳо ва муносибатҳои трансмиллӣ тавсиф меёбад, аҳамияти шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун манбаи муҳими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ боз ҳам афзоиш меёбад. Ин шартномаҳо меъёрҳои ягонагардонидашударо, аз ҷумла меъёрҳои коллизионӣ (ки муайянкунандаи қонунгузории татбиқшавнда дар ҳолатҳои низоъҳои ҳуқуқӣ танзим мебошанд) ва меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, (ки мустақиман муносибатҳои ҳуқуқиро мекунанд), дар бар мегиранд" (с. 3).

Муаллиф мавзӯи ниҳоят мураккаб ва ҳамзамон мубрамро дар шароити имрӯза интихоб кардааст. Гарчанде дар адабиётҳои илмӣ масъалаи мазкур аз ҷониби олимони гуногун мавриди таҳлил қарор дода шуда бошад ҳам, аммо муаллиф тавонистааст, ки онро бо сабку услуби хос, аз лиҳози назари илмӣ ва мавқеи эҷодию муаллифии худ мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор диҳад.

Муаллиф натиҷаҳои илмии худро дар 9 банд ҳамчун навгонӣ барои ҳимоя манзур намудааст, ки аксари онҳо илман асоснок буда, барои илми ҳуқуқ ва рушди қонунгузорӣ заминаи муҳимро фароҳам меоваранд. Ҳамзамон ҳамчун кори илмию эҷодӣ баъзе андешаҳои илмии муаллиф хонандаро ба андеша ва мулоҳизаҳо водор менамояд. Хусусан муаллиф доираи васеи масъалаҳоро дар навгониҳо баррасӣ кардааст (аз моликияти зеҳнӣ то масъалаҳои оилавӣ бо унсури хориҷӣ), ки хеле душвор мебошад ва барои ҳалли масъалаҳои мушаххас имконият камтар мемонад.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод оварда, бо маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории муосир истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқӣ, курсҳои тахассусмандӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дар мавзӯи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ–ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи маданӣ ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

И.в. профессори кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон У. А. Меликов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш.
Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел: (+992 237) 234-88-02. Сайт: www.iutet.tj
Почтаи электронӣ: dsx_ips@mail.ru
Тел.: 100400879

«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

02.09.2025